**«Тасдиқ мекунам»**

Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор ________________ Назарзода Х.Х.

«__29__» __майи__ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Экспертизаи диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи барассишаванда тибқи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия шудааст. Диссертатсияи мазкур ба бандҳои: б. 10.1. – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; б. 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; бю 10.15 Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; б. 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б. 10.22. – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Рушди муосири бахши бонкӣ бидуни ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, ки ба драйвери асосии баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ табдил меебанд, ғайриимкон аст. Дар шароити афзоиши рақобат ва интизориҳои афзояндаи муштариён, ташкилотҳои қарзӣ маҷбур мешаванд, ки равандҳои амалиётиро навсозӣ кунанд ва қарорҳои инноватсиониро, ки ба тағиребии рақамӣ нигаронида шудаанд, ҷорӣ кунанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми бонкӣ дар марҳилаи ташаккули фаъол қарор дорад, масъалаҳои рақамисозӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Бо вуҷуди як қатор тағйироти мусбат оғози бонкдории мобилӣ ва интернетӣ, ҷорӣ кардани низомҳои пардохт, баланд бардоштани дастрасии хидматҳо тавассути каналҳои рақамӣ сатҳи камолоти рақамии бонкҳо нисбатан паст боқӣ мемонад. Зарурати системасозии таҷрибаи амалӣ, ошкор

кардани монеаҳо ва ташаккули моделҳои самараноки рушди рақамии амалиети бонкӣ вуҷуд дорад.

Такмили амалиёти рақамӣ дар заминаи тавсеаи фарогирии молиявӣ, кам кардани хароҷоти муомилот ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон дар минтақаҳои дастрасии маҳдуд ба инфрасохтори анъанавии бонкӣ махсусан муҳим мегардад. Ғайр аз он, суръатбахшии тағйирёбии рақамӣ метавонад ба эътимод ба низоми бонкӣ ва афзоиши захираҳои ҷалбшуда мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи самтҳои такмили амалиёти бонкии рақамӣ дар ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ба вазифаҳои мубрами навсозии бахши молиявии мамлакат ҷавобгӯ буда, аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

**3. Навгониҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо).**

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз коркарди муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, ки рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бо назардошти хусусиятҳои низоми бонкии ватанӣ равона карда шудаанд, ба шумор меравад.

Натиҷаҳои асосие, ки аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқот ба даст омадааст ва ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод шудааст, инҳоро дар бар мегиранд:

– муаллиф дар асоси омӯзиши ҷанбаҳо ва консепсияҳои назариявии ташаккул ва рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ кӯшиши мукаммалгардонии заминаи илмӣ-назариявии он анҷом додааст; бо назардошти хусусиятҳои миллӣ аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии он муайян гардида, дар заминаи он тафсири муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст, ки зери он консепсияи фаъолияти ташкилоти қарзӣ, ки тибқи он мизоҷон хизматрасониҳоро бо роҳи алтернативӣ, тавассути истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои гуногуни рақамӣ амалӣ мегардонанд, фаҳмида мешавад;

– диссертант ҳангоми таҳлили ҳолати муосири низоми бонкӣ маълум гардид, ки ҳаҷми амалиётҳои рақамии бонкӣ зиёд гашта истодааст, аммо суръати рушди он нокифоя арзёбӣ гардида, имкониятҳои афзун намудани он тариқи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, вусъат додани кор аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва инчунин тавасути ташкили ҳукумати электронӣ, таъсиси Вазорати рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ошкор кардааст;

– муаллиф дар доираи диссертатсияи худ бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани равандҳои рақамикунонӣ махсус нақши давлат қайд кардааст; дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ муҳиммияти дар сатҳи олӣ қарор доштани масъалаи рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат тасдиқ карда шудааст ва дар ин замина пешниҳоди ба ҳайси ҳадафи панҷуми стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ асоснок кардааст;

– муаллиф пешниҳодҳои худро пас аз таҳлили ҳамаҷониба оид ба мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бо мақсади оммавӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ тартиб дода шуда, механизмҳои амалӣ намудани онҳо тавассути ташкил намудани намудҳои нави ташкилоти қарзӣ – бонкӣ рақамӣ ё необонк асоснок намудааст; ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва фаъолияти муътадили низоми бонкӣ зарурияти ба муомиллот баровардани пулҳои рақамӣ – «сомонии рақамӣ» қайд шудааст;

– унвонҷӯ дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосири технологӣ-бонкӣ, ки амалиётро бидуни истифодабарии ҷисмонии корти пардохтӣ ба анҷом мерасонад, муайян карда зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани механизми пешниҳоди қарздиҳии рақамӣ, ворид намудани имконияти истифодаи гарави рақамӣ ва суғуртакунонии рақамӣ асоснок кардааст. Бо истифодаи усулҳои математикӣ ва эконометрикӣ муаллиф рушди нишондиҳандаҳои асосии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешгӯйӣ намудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

– асосоҳои назариявии амалиётҳои рақамии бонкӣ таҳқиқ шуда, моҳият ва зарурияти онҳо муайян гардида, дар ин асос тафсири муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст;

– таҳлили ҳолати имрӯзаи низоми бонкӣ ва амалиётҳои рақамии бонкӣ гузаронида шуда, муаммоҳои ҷойдошта мушаххас гардида, роҳи ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд;

– нақши давлат дар равандҳои рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, зарурияти ташкили Ҳукумати электронӣ асоснок гардидааст;

– пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаи меъёрию-ҳуқуқии танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ пешниҳод гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо асоснок шудаанд;

– дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шуда, механизмҳои мукаммалгардони равандҳои рақамикунонӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ муайян карда шуданд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Таҳқиқот ба маълумоти дахлдори омории Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботи ташкилотҳои қарзӣ, маълумоти институтҳои байналмилалии молиявӣ (ХБА, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии рушд), инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои стратегии рушд такя мекунад. Дар рисола вазъи рақамикунонии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии объективӣ дода шуда, мушкилоти институтсионалӣ, технологӣ ва ташкилӣ, ки ба татбиқи самараноки қарорҳои рақамӣ монеъ мешаванд, ошкор карда шуданд. Бозёфтҳо пай дар пай аз ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот бармеоянд, ки ба таҳлили назариявӣ ва эмпирикии гузаронидашуда асос ёфтаанд ва тадбирҳои пешниҳодшуда ба ҳалли мушкилоти ошкоршуда ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда равона карда шудаанд.

5. **Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рушди асосҳои назариявӣ-методологии рақамикунонии фаъолияти бонкӣ, муайян кардани дастгоҳи мафҳумӣ, таснифи амалиёти рақамии бонкӣ ва асоснок кардани самтҳои такмили онҳо бо назардошти хусусияти низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Дар кор равишҳои баҳодиҳии сатҳи камолоти рақамии ташкилотҳои қарзӣ таҳия ва ба низом дароварда шуда, омилҳои институтсионалӣ, ки ба самаранокии татбиқи қарорҳои рақамӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд.

Аҳамияти амалӣ аз таҳияи тавсияҳои амалӣ иборат аст, ки ба баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ равона карда шудаанд. Тадбирҳо оид ба такмили муҳити танзим, рушди инфрасохтори рақамӣ, ҷорӣ намудани воситаҳои хизматрасонии фосилавӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамии мизоҷон пешниҳод карда шуданд. Аҳамияти иқтисодӣ дар он зоҳир мешавад, ки татбиқи тавсияҳои дар рисола пешбинишуда самаранокии амалиетии ташкилотҳои қарзиро баланд мебардорад, хароҷоти амалиетро коҳиш медиҳад, пойгоҳи муштариенро васеъ мекунад ва рушди бахши молиявиро ҳавасманд мекунад. Илова бар ин, такмили амалиёти рақамӣ ба коҳиши иқтисодиёти пинҳонӣ тавассути баланд бардоштани шаффофияти ҷараени молиявӣ мусоидат мекунад.

Аҳамияти иҷтимоии кор аз васеъ кардани дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ ба аҳолӣ, хусусан дар деҳот ва минтақаҳои дурдаст, ки ҳузури ҷисмонии бонкҳо маҳдуд аст, иборат аст. Баланд бардоштани сатҳи фарогирии рақамӣ ба коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ, эҷоди эътимод ба муассисаҳои молиявӣ ва афзоиши саводнокии молиявӣ мусоидат мекунад.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ**.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот муайян шудааст, ҳадаф ва вазифаҳо, инчунин объект ва предмети кори илмӣ ошкор карда шудааст, нуктаҳои асосии навгонии илмӣ баён гардидаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада исбот шудааст, маълумот дар бораи санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин нашри натичаҳои асосии кори диссертасионӣ оварда шудааст.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккулёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ»** моҳият ва зарурияти амалиётҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ, аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамӣ дар шароити муосир ва таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ омӯхта шудааст. (саҳ 13-54).

Дар доираи таҳқиқоти худ ҳангоми таҳлили асосҳои назариявии боби якум муаллиф пас аз омӯзиши тарифи механизми молиявӣ ба хулоса омадааст, ки « амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст (с. 15-21).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд менамояд, ки хизматрасонии фосилавии бонкӣ низоми кушода буда, фаолияти он худмухтор мебошад, аммо он дар навбати худ бо дигар низомҳои бонк алоқаи зич дошта қисми низоми автоматизатсионии бонкӣ мебошад. Масъалан, дархостҳои қарзӣ, ки тавассути низоми фосилавии бонкӣ ворид шудаанд, аз тарафи бонк коркард мешаванд. Низоми фосилавии бонкӣ, ба фикри мо, низоми худташкилкунанда мебошад, чунки номгӯй амалиётҳо ва хизматрасониҳои аз тарафи он амалишаванда метавонанд васеъ ва такмил гарданд. (с. 23-29)

Муаллиф дуруст хулосабардор менамояд, ки аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар шароити муосир, аз ҳадафҳои он аён гашта, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ равона карда шудааст. Коҳиш додани нархи амалиётҳо аз ҳисоби гузариш ба амалиётҳои рақамӣ, сарфаи вақт, баланд бардоштани самаранокии кормандони ташкилотҳои қарзӣ, ҳамзамон, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо – ин аст рӯйхати нопураи аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамии бонкӣ. Ба он метавон илова намуд, болоравии рақобатпазирӣ аз ҳисоби технологияҳои муосир, ҷалби мизоҷони нав, ки намехоҳанд вақти худро барои ташриф ба ташкилоти қарзӣ сарф кунанд. (с.

Дар доираи боби мазкур аз ҷониби муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ таҳқиқ намуда, дар доираи зербоби мазкур муаллиф таҷрибаҳои давлатҳои гуногунро таҳқиқ намуда ба хулосае омадааст, ки омӯзиши таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими рақамикунонии низоми бонкӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки нақши давлат дар ин раванд калидӣ мебошад. (с. 39-54)

**Дар боби дуюм – «Таҳлили ҳолати муосири амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – таҳлили низоми бонкии ватанӣ дар шароити рақамикунонӣ анҷом дода шуда, арзёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва ҳолати муосири инфрасохтори амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шудааст.

Дар доираи боби мазкур аз ҷониби муаллиф таҳлили амиу дақиқ бо истифодаи нишондиҳандаҳо гузаронидааст. Низоми бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир динамикаи рушди устуворро нишон дода истодааст ва ин омил тасодуфӣ нест. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки бухрони бонкӣ, ки солҳои 2015-2017 дар ҷумҳурии мо рух дода буд, дарси калон барои ҳамаи мо шуд. Қайд

кардан ба маврид аст, ки хулосаҳои аз он бухрон баровардашуда, ҳам аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам аз тарафи танзимгар, яъне Бонки миллии Тоҷикистон, натиҷаҳои мусбӣ доданд. (с. 55-62)

Муаллиф қайд мекунад, ки дар соли 2023 ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 20 % баробар шуд, ки ин нишондиҳанда нисбати соли гузашта қариб 2 маротиба афзуд. Бешубҳа, соли 2023 дар таърихи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ соли хотирмон буд, чунки маҳз ҳамин сол Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586, қабул гардид. Таърихи ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба давраи то қабули фармон ва баъд аз он ҷудо намуд. Фармон, бешубҳа, саривақтӣ ва зарур мебошад. Тибқи он Фармон «- пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шавад. (с. 71-85)

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми ҷалби пасандоз тавассути барномаҳои мобилӣ он қадар васеъ паҳн нашудааст. Маълумотҳои аниқ оид ба ҳаҷми ҷалби пасандоз тавассути барномаҳои мобилӣ дастрас намебошанд, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки на ҳама бонкҳо дар барномаҳои мобилии худ чунин имкониятро барои мизоҷони худ пешбинӣ намудаанд. (с. 87-98).

**Дар боби сеюм - «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ»** – тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ пешниҳод карда шудаанд; ташкили бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун сохтори нав дар низоми бонкии ватанӣ асоснок карда шудаанд; дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст.

Диссертант ҳангоми таҳияи диссертатсияи худ қайд мекунад, ки низоми бонкӣ яке аз аввалинҳо шуда, дар фаъолияти худ фаъолона ворид намудани равандҳои рақамикуниро шурӯъ намуд ва ин равандҳо бо маром идома

доранд. Ба камбудиҳои ҷойдошта нигоҳ накарда, ташкилотҳои қарзӣ рӯз то рӯз намуд ва шумораи амалиётҳои рақамии бонкиро зиёд карда истодаанд. Аммо бояд қайд намуд, ки рақамикунонии иқтисодиёт танҳо ба низоми бонкӣ вобаста нест, бояд ҳама соҳаҳо дар ин раванд фаъол бошанд, ки дар аксарият ҳолатҳо аз давлат вобастагии калон дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки бе дастгирӣ ва иштироки фаъоли давлат ва мақомотҳои он расидан ба ҳадафи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ғайриимкон аст. (с. 101-117).

Дар доираи боби мазкур муаллиф намуди ташкилотҳои нави инноватсионии қарзӣ – бонкҳои рақамӣ ё необонкро барасӣ намудааст, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоранд, аммо қобили таваҷҷуҳи илмӣ-амалии калонанд ва ҳангоми пайдоиш дар бозори бонкии ватанӣ метавонистанд як такони ҷиддӣ ба низом бахшанд. Бонки рақамӣ ё необонк – ташкилоти қарзиест, ки фаъолияти худро дар фазои рақамӣ ба роҳ монда, бидуни филиал ва марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ фаъолият менамояд. Бояд қайд намуд, ки чунин шакли ташкилоти қарзӣ, аз як тараф тарафдорон ва аз тарафи дигар, мухолифонро дорад. Тарафдорон ҳамчун далел қайд менамоянд, ки чунин шакл бюрократияро аз байн бурда, хизматрасониҳои бонкиро ба сатҳи нав мебароранд. (с. 118-122)

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд ҳар чӣ зудтар шумораи маҳсулот ва хизматрасониҳои худро ба формати рақамӣ гузаронида, имконияти интихоби амалӣ намудани хизматрасониҳои бонкиро барои мизоҷон, таъмин намоянд. Бояд ҳарчи зудтар мафкураи кормандони ташкилотҳои қарзӣ иваз гардида он ба сӯи рақамикунонӣ нигаронида шуда бошад. Аҳолӣ, дар навбати худ, бояд сатҳи саводнокии молиявӣ ва рақамии худро баланд бардошта, кӯшиш намояд, ки пурра аз ҳамаи амалиётҳои рақамии бонкӣ истифода барад. (с. 139-145)

Дар қисмати хотимавии кори баррасишаванда хулосаҳои асоснок бо истинод ба интишороти довталаб ҳамчун натиҷаҳои асосии диссертатсия ва тавсияҳои оид ба истифодаи амалии онҳо оварда шудаанд (с. 147-151).

Ҳамаи даврахо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

**7. Эродхо ва холатҳои баҳсталаб оид ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари бартариятҳои дар диссертатсия мавҷудбуда баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллифи диссертатсия аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар навгонии илмии диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки аз ҷониби ӯ мафҳуми "амалиётҳои рақамии бонкӣ" пешниҳод шудааст. Хубтар мешуд агар муаллиф як ҷадвалро таҳия менамуд оид ба ақидаҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ва дар он ҷо мафҳуми нави худро пешниҳод менамуд.

2. Ҳангоми таҳияи диссертатсияи худ муаллиф дар зербоби 1.3. таҷрибаи хориҷиро оид ба рушд ва танзими амалиётҳои рақамӣ таҷрибаи каме аз давлатҳои хориҷиро омӯхтааст. Хуб мебуд агар муаллиф таҷрибаи дигар давлатҳоро ҳам меомӯхт ва пешниҳодҳои худро барои истифодаи таҷрибаи онҳо дар шарои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекард.

3. Дар диссертатсия масъалаҳои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва омӯзиши кормандони бонкиро пурра баррасӣ нашудааст, ки ин барои бомуваффақият татбиқ ва истифодаи маҳсулоти рақамии бонкӣ муҳим аст.

4. Пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба такмили бонкдории рақамӣ пурра пешниҳод карда нашудааст. Тавсияҳо ба мушкилоти ошкоршуда алоқамандии возеҳ надоранд ва пешниҳоди онҳо на ҳамеша ба меъёрҳои SMART (мушаххасӣ, ченкунӣ, дастрасӣ, аҳамият, маҳдудияти вақт) мувофиқат мекунанд.

5. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон навоварии амалии кофӣ нишон намедиҳанд ва татбиқи онҳо дар амалияи воқеии бонкӣ метавонад душвор бошад.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъи дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳад.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи аспирант бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда Исҳоқӣ Д.И. ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Экспертизаи диссертатсияи Исҳоқӣ Д.И. нишон дод, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар умум 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

**10. Мутобиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.** Автореферат ва мақолаҳои муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, корҳои интишоркардаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои хислату мазмуни илмию амалидошта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Исҳоқӣ Дилшод Илҳом сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (протоколи №10 аз 28 майи соли 2025) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти
бонкии ДДТТ — Султонов Зоиршо Султонович

**Эксперт:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
фаъолияти бонкии ДДТТ — Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
фаъолияти бонкии ДДТТ — Сафарова Муборак Бобохоновна

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехоти, 1/2. http://www.tsuk.ti.
E-mail: tguk@mail.ru, Email: tgfeu@tgfeu.tj тел: +992 (37) 234-85-46

Имзоҳои Султонов З.С., Ҳалимов Л.М., ва Сафарова М.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ